**Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон**

# БАРНОМАИ ХАЗИНАИ РУШДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАРОИ 2008

## (ҚАБЛАН БАРНОМАИ ГРАНТҲОИ ХУРД )

*Дастур барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ*

## Барномаи хазинаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соли 2008

Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон

# Дастур барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ

**Дар бораи барнома**

Барномаи хазинаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки қаблан бо номи барномаи грантҳои хурд маълум буд аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ дар соли 1983 бо мақсади рушди муколама ва паҳн намудани иттилоот доир ба рушди байналхалқӣ тавассути муҳокимаронихои кушод, берун аз доираи амалиётҳои бонкӣ ҳамчун фаъолияти иловагӣ таҳия гардида буд. Дар доираи ин барнома маблағҳои грантӣ асосан ба ташкилотҳои ғайридавлатии ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути намояндагии Бонки умумиҷаҳонӣ, ки дар мамлакатҳо ҷойгиранд, ҷудо карда мешаванд.

Барнома татбиқи мақсадҳои Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба рушди иҷтимоиётро пурра мегардонад ва дар ноил гаштан ба онҳо тавассути дастгирӣ дар фаъолгардонии иштироки ҷомеа мусоидат менамояд.

**Иштироки ҷамъиятӣ чист?**

Иштироки ҷамъиятӣ ин ҷалби шаҳрвандони алоҳида ё гурӯҳҳои муташаккили шаҳрвандон дар ҷараёни ҳамкорӣ бо бахши давлатӣ бо мақсади фароҳам овардани имконияти бештар барои таъсир расонидан ба раванди рушди давлат ва ба ин восита онҳо худ ҳамаро фарогиранда ва беғараз мегарданд. .

**Иштироки ҷамъиятӣ метавонад аз самтҳои зерин иборат бошад…**

- **Мусоидат дар ба даст овардани ризоияти шаҳрвандӣ ва расонидани кӯмак дар татбиқи ислоҳот ва стратегияи миллӣ оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз ҷониби** аҳолӣ тавассути бунёди шабакаи паҳнкунии дониш, заминаҳои умумии барои муколама ва ҳамкории зич байни бахши давлатӣ ва хусусӣ, инчунин паст намудани вазъи нооромӣ дар ҷомеа;
- **Ба инобат гирифтани талабот ва мушкилоти шаҳрвандон, алалхусус мардуми камбизоат ва** гурӯҳҳои ҷудогона ҳангоми муайян намудани сиёсати давлатӣ ва барномахо ;
- **Пурқувватгардонӣ ва самаранокии барномаҳое, ки барои рушд** тавассути паҳн намудани дониш, муайянкунии хатари эхтимолӣ, истифодаи мақсадноки кӯмакҳо ва васеъ гардонидани ҳудуди кӯмак, махсусан дар сатҳи ҷамъиятҳои маҳалӣ нигаронида шуда бошанд;
- **Амалӣ намудани фикру пешниҳодҳо ва қарорҳои навоварона дар давраи** рушд дар сатҳи маҳал ва миқёси байналхалқӣ;

• **Инкишофи шафофият ва дараҷаи ҳисоботдиҳандагии давлат** бо мақсади мусоидат ба раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои самаранокии идоракунии давлат.

Унсурҳои аз ҳама муҳим барои фаъол гардонии гурӯҳҳои озордидаи аҳолӣ, ин пеш аз ҳама, дастрасӣ ба итиллоот, имконияти хамкорӣ бо ташкилотҳои гуногунсоҳа, қудрати таъсиррасонӣ ба ҳодисаҳое, ки дар ҷамъият рух медиҳанд, имконяти иштирок дар баҳсу музокираҳо доир ба қабули қарор аз ҷониби мақомоти давлатӣ, дар сатҳи маҳалӣ ва давлатӣ, инчунин мавҷудияти воситаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро ба танзим медароранд, ба ҳисоб мераванд.

Мавзӯи асосии Барномаи хазинаи Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соли ҷорӣ ин иштироки ҷомеа дар ҳифзи муҳити зист мебошад.

Ҳифзи муҳити зист яке аз самтҳои асосии фаъолияти Бонк ба ҳисоб меравад, зеро масъалаҳои экологӣ барои аҳолӣ ва кӯшишҳо вобаста ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар маҷмӯъ хатари ҷиддиро ба миён меоранд. Бонк дар ин самт мунтазам муколама баргузор менамояд ва фаъолияташро доир ба худогоҳии шаҳрвандон дар робита бо чунин масъалаҳои муҳим ба монанди истифодаи нодурусти сарватҳои табиӣ, ифлосшавии ҳаво, беқувватшавӣ ва таназзули замин ва ҷангалҳо, гуногуни биологӣ, масъалаҳои гармшавии иқлим ва ҳоказо равона менамояд. Мақсади барномаи мазкур ин пеш аз ҳама мусоидат намудан ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамоатҳои маҳалӣ бо мақсади имконияти бештари таъсиррасонӣ пайдо намудан, рушди иқтидор ва барқарор намудани хамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти маҳалӣ ва давлатӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои экологӣ мебошад.

Алалхусус, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалӣ намудани чунин тадбирҳо ба монанди таъмини барқ, истифодаи сарчашмаҳои алтернативии барқ бо мақсади гармидиҳӣ ва пухту пази хӯрок, пешгирии ифлосшавии ҳаво, инчунин огоҳонидани ҷамоатҳо оиди оқибатҳои гармшавии иқлими ҷаҳонӣ ва рутубати ҳаво накши мухим мебозад.

Харчанд ки хифзи мухити зист хамчун ба сифати мавзуъи асосии барнома дар соли равон интихоб шуда бошад хам, бо вучуди ин, пешниходи лоихахо доир ба дигар мавзухои мухим низ кобили кабул ва барасси хохад шуд. Дар навбати худ хаминро бояд ба инобат гирифт, ки афзалият пеш аз хама ба лоихахое дода мешавад, ки мавзуяшон ба масъалахои экологи бахшида шуда бошанд..

**Пеш аз он ки Шумо дархост пешниход менамоед...**

Барномаи хазинаи рушди иҷтимоии Бонки умумиҷаҳонӣ метавонад танҳо шумораи ками лоиҳаҳои ба суроғаи бонк ирсол ёфтаро дастгирӣ намояд. Аксари лоиҳаҳо дастгирӣ намеёбанд, на аз он сабаб ки онҳо арзандаи маблағгузорӣ нестанд, баръакс сабаб дар он аст, ки онҳо ҷавобгӯи вазифаҳои ҷории барнома нестанд ва ё ба меъёрҳои муқараршудаи интихоби лоиҳаҳо мувофиқат намекунанд.

**Озмун барои соҳиб шудан ба маблағи грантӣ ниҳоят баланд** аст ва бинобар маҳдудияти маблағҳои буҷетӣ барнома имкон намедиҳад, ки ҳамаи он лоиҳаҳоеро, ки барои фаъолияти ниҳоят муфид оғоз мебахшанд ва ба воситаи дархостҳо пешниҳод мешаванд, дастгирӣ намояд.

Пеш аз пешниҳоди дархост Шумо лутфан бо дастури мазкур бодиққат шинос шавед, то муайян намоед, ки оё лоиҳаи Шумо ба меъёрҳои муайянгардида мувофиқат мекунад ё не? Маълумоти бештарро оиди барнома ва намунаи дархостро Шумо лутфан метавонед, тавассути шабакаи интернетӣ аз саҳифаи (вебсайт) Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон: http://www.worldbank.org/tj ва Диля Зоирова-ҳамоҳангсози барномаҳо дар назди Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон бо телефони (372) 21-07-56, ва ё алокаи электронии dzoirova@worldbank.org дастрас намоед.

**Киҳо метавонанд дархост пешниҳод намоянд?**

- Ташкилотҳои маҳалии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар Тоҷикистон бо масъалаҳои рушди ҷомеа машғуланд, метавонанд барои гирифтани маблағи грантӣ дархост пешниҳод намоянд;
- Ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки барои гирифтани маблағи грантӣ муроҷиат менамояд, бояд дар ҷамъият эътибори баланд, таҷрибаи мусбӣ дар татбиқи барномаҳои ҷамъиятӣ ва инчунин низоми боварибахши идоракунии молиявӣ ва хароҷоти мақсадноки маблағҳои грантиро дошта бошад.
- Афзалият ба ташкилотҳое дода мешавад, ки дар солҳои гузашта маблағҳои грантӣ нагирифтаанд (як ташкилот наметавонад зиёда аз се маблағи грантӣ дар доираи Барномаи хазинаи Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давоми панҷ сол гирад).

**Кадом намуди фаъолият аз ҷониби барнома дастгирӣ меёбад?**

Барномаи хазинаи Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин фаъолиятҳоеро дастгирӣ менамояд, ки тавассути иштироки ҷомеа дар фаъолгардонии гурӯҳҳои ҷудогона ва озордидаи ҷамъият фаъолият мебаранд.

**Иштироки ҷомеа** – ин равандест, ки тавассути он ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба таври фаъолона бо давлат ва дигар субъектҳои раванди рушди ҷомеа бо мақсади ҳалли масъалаҳои барои ҷомеа аҳамиятнок ширкат меварзад.

Намудҳои фаъолият бояд:

- Дар баргузории муколама ва паҳнкунии иттилоот мусоидат намояд, инчунин;
- Ҳамкории ҷомеаро бо шарикони асосӣ ба хотири дастгирии раванди рушд мустаҳкам бояд кард. Ба қатори чунин шарикони асосӣ метавонанд, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ожонсиҳои бисёрҷониба ва дуҷониба, хазинаҳо ва намояндагони бахши хусусӣ дохил шаванд.

➢ Аз ҷумлаи чунин намуди фаъолият гузаронидани семинарҳои амалӣ ва вохӯриҳо барои фаъол гардонидани иштироки шаҳрвандон, маърака ва чорабиниҳои зарурӣ доир ба худогоҳии шаҳрвандон бо мақсади таъсиррасонии онҳо ба раванди қабули қарор ва пешниҳоди хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, шаклҳои ба таври навоварона муттаҳид шудани шаҳрвандон бо мақсади мусоидат намудан ба рушди имкониятҳо дар як бахши муайян ба ҳисоб меравaнд.

➢ Ҳама гуна чорабиниҳо дар доираи маблағи грантӣ бояд дар давоми як сол аз таърихи сарфароз гардидани грант бояд анҷом дода шаванд.

➢ Афзалият ба ташкилотҳое дода мешавад, ки дар солҳои гузашта маблағи грантӣ нагирифтаанд.

**Кадом намуди фаъолият маблағгузорӣ намешавад?**

**Маблағи грантӣ барои фаъолияти зерин дода намешавад:** маъракаҳои тамоюли сиёсидошта, барномаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, барномаҳои таълимии такмили ихтисос, лоиҳаҳои кории ҷорӣ, лоиҳаҳо доир ба пешниҳоди хизматрасониҳои асосӣ, хариди таҷҳизоти донишкада, идрорпулии донишҷуён, барномаҳои таълимӣ ё илмӣ, кӯмаки молиявӣ ба шахсони алоҳида, ки аз номи худ муроҷиат мекунанд ва инчунин ташкилотҳое, ки аз қайди қонунӣ нагузаштаанд.

Дар поён номгӯи хароҷотҳо ва фаъолиятҳое оварда шудаанд, ки дар доираи барнома маблағгузорӣ намешаванд.

- Таҷҳизоти тиббӣ, ба монанди, таҷҳизот барои беморхона, аппаратураи ортопедӣ ва ғайра;
- Компютерҳо ва мураттабсозии онҳо;
- Харҷномаҳо ба монанди барои иҷора, нигаҳдорӣ ва хариди ҳар гуна маводҳои корӣ;
- Семинарҳои омӯзишӣ доир ба соҳибкорӣ, бемориҳои ВИЧ/СПИД, тамокукашӣ ба истиснои холатҳое, ки агар лоиҳа ба ин масъала алоқамандии бевосита дошта бошад;
- Инкишофи маҳорати ташкилотчигии ташкилотҳои ғайридавлатӣ (ТГД) танҳо ба хотири дар оянда мушовирон ё кормандони Бонк онҳоро ба кор даъват намоянд;
- Барои ҳалли масъалаҳои аввалиндарача, ба монанди таъминкунӣ бо об, гармӣ ва ғизо;
- Сохтмони бино ба монанди китобхона ё бунгоҳи тиббӣ;
- Ташкили ҷойҳои нави корӣ ё шуғл;
- Маъракаҳо доир ба назорат аз болои бемориҳои сирояткунанда;
- Кӯмаки як маротибагӣ дар шакли ғизо;
- Маоши кормандони штатӣ, масалан, маоши директори ТГД;
- Лоиҳаҳои инфраструктуравӣ ба монанди барқароркунии шабакаи бо об таъминкунӣ, сохтмони хаттӣ, обкашӣ ва ҳоказо.

Аз рӯи мақсаду маромашон фаъолияти лоиҳа набояд бо барномаҳои дар айни замон амалкунандаи Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон мухолифат ва ё онҳоро

иваз намоянд. Онҳо инчунин набояд як ҷузъи барномаҳои Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон бошанд.

**Ҳаҷми маблағи грантӣ чӣ қадар аст?**

Дар Тоҷикистон маблағи як грант аз 3000 то 7000 доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Барномаи хазинаи рушди иҷтимоӣ маблағгузории иловагиро аз ҳисоби дигар донорҳо қобили қабул медонад ва хоҳиши онро дорад, ки маблағҳои грантии Бонк дар гирифтани маблағҳои иловагӣ аз дигар сарчашмаҳо мусоидат намояд. Ташкилотҳое, ки барои гирифтани грант муроҷиат мекунанд, бояд оиди чи гуна гранти Бонки умумиҷаҳонӣ метавонад дар гирифтани маблағҳо аз дигар донорҳо мусоидат намояд, маълумот диҳанд.

**Лоиҳаҳо чӣ гуна баҳогузорӣ мешаванд?**

Ба мақсади муайян намудани мувофиқати дархостҳо ба меъёрҳои барнома комиссия ҳамаи дархостҳои воридшударо аз давраи аввали озмун мегузаронад.

Меъёрҳои асосии барнома:

- Лоиҳа дар раванди муколама ва паҳни иттилоот мусоидат хоҳад намуд.
- Лоиҳа ҳамкории ҷомеаро бо шарикони асосӣ бо мақсади дастгирии раванди тараққиёт густариш медиҳад. Ба қатори чунин шарикони асосӣ сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ожонсиҳои бисёрҷониба ва дуҷониба, хазинаҳо ва намояндагони бахши хусуси метавонанд дохил шаванд.
- Ҷӯяндагони грант ташкилотҳои ғайридавлатӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятии ба таври қонунӣ ба қайд гирифташуда мебошад.
- Маблағи грант барои иҷрои фаъолияти мушаххас, ки дар давоми як сол аз рӯзи гирифтани грант дархост мешавад.
- Дархост дар мӯҳлати муайяншуда пешниҳод шудааст.

Дархостҳое, ки ба меъёрҳои дар боло нишон додашуда чавобгӯянд аз ҷониби кумитаи интихоби лоиҳаҳо барои грант, ки аъзоёнаш аз ҳисоби кормандони Бонки умумиҷаҳонӣ, намояндагони ҳукумат, дигар донорҳо ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат аст, баррасӣ ва баҳогузорӣ карда мешаванд. Ҷаласаҳои комиссия дар бинои Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ мегузаронад. Дар ҷараёни баҳогузорӣ кумита оид ба грант ба омилҳои зерин диққати махсус медиҳад.

- Хусусият ва аҳамияти стратегӣ доштани фаъолияти пешниҳодшуда ва алоқамандии он бо фаъол гардонии гурӯҳҳои ҷудогона ва озордидаи ҷомеа, махсусан дар деҳот, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва мусоидат дар ҷалби он гурӯҳи шаҳрвандон ва ба инобат гирифтани нуқтаи назари ин гурӯҳҳо дар раванди қабули қарорҳо.
- Воқеъӣ будани иҷроиши лоиҳа аз ҷиҳати техникӣ (таносуби маблағҳо ва вазифаҳои гузошташуда ва имкониятҳои техникии ҷӯяндаи маблағи грант барои татбиқи бомуваффақияти лоиҳа).
- Хусусияти навоварона доштани лоиҳа.
- Муҳимияти лоиҳа ва аҳамияти иҷтимоии он.
- Ҷалби гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ.

**Дархостро чӣ тавр бояд пешниҳод кард?**

Ҳамоҳангсозии Барномаи хазинаи Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ӯҳдаи Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Точикистон гузошта шудааст, зеро барнома ғайримутамарказкунонида буда, Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ ба таври мустақил қарор қабул менамояд.

Дархостҳои ба таври дуруст пур кардашуда ба суроғаи Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ дар шаҳри Душанбе пешниҳод карда мешаванд. Дархостҳоро бояд баъд аз нашри эълон оиди барнома ба Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ, ақалан чор моҳ пеш аз оғози фаъолияти лоиҳа, ки барои пешбурди он маблағ дархост карда мешавад, пешниҳод намуд. Ташкилотҳо ва ҷӯяндагони маблағҳои грантиро зарур аст, ки пеш аз фиристодани дархост бо шартҳои барнома, меъёрҳои баҳодиҳӣ ва интихоби лоиҳа бодиққат шинос шаванд. Дастур барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва намунаи дархостро метавонед аз саҳифаи Бонки умумиҷаҳонӣ дар шабакаи интернетии http://www.worldbank.org/tj, ё аз идораи Намояндагии доимии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Душанбе пайдо намоед.

*Дар Тоҷикистон қабули дархостҳо барои соли 2008* ***29 феврали 2008 ба охир мерасад****. Ҷараёни баррасии дархостҳо метавонад аз як то ду моҳ идома ёбад. Бинобар теъдоди зиёди дархостҳо хоҳишмандем аз ташрифҳои шахсӣ ва занги телефонӣ худдорӣ намоед. Намояндагони Бонки умумиҷаҳонӣ дар ҳолати зарур будани маълумоти иловагӣ ва ё амиқкунии ин ё он маълумот худашон мустақилан бо Шумо дар тамос мешаванд.*

Дархостҳо бо забони русӣ, тоҷикӣ ё англисӣ бояд ба воситаи алоқа, факс ё алоқаи электронӣ ба суроғаи дар поён нишон додашуда ба унвони ҳамоҳангсози барнома - Дилором Зоирова фиристода шавад.

Намояндагии доимии
Бонки умумиҷаҳонӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон
Душанбе, кӯчаи Шевченко, 91-10
Тел.: (992-37) 221-07-56, 221-67-43
Факс.: (992-372) 51-00-42
Алоқи электронӣ: dzoirova@worldbank.org

**Захираҳои иловагӣ:**

Бо маълумот оид ба захираҳои иловагӣ барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ТГД метавон дар саҳифаи шабакаи интернетии www.worldbank.org. шинос шуд.

**Лоиҳаҳое, ки дар доираи Барномаи грантхои хурд дар соли 2007 маблағгузорӣ шудаанд**

| | Ташкилот | Шарҳи мухтасари лоиҳа |
|---|---|---|
| 1. | Ассотсиатсияи минтақавии одамони нуқсони биноидоштаи шаҳри Душанбе | Мақсади грантӣ мазкур иборат аз ҳифзи манфиатҳои шахсони бемории биноидошта, инчунин таъмини иштироки онҳо дар таҳияи сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи маҷрӯҳон буд. Дар доираи ин барнома семинарҳо ва мизи мудаввар инчунин дастурҳо доир ба масъалаҳои барқароркунии ичтимоии шахсони гирифтори бемории бинои гузаронида шуданд. |
| 2. | Иттиҳоди шаҳрвандии "Триумф" | Мақсади гранти мазкур иборат аст аз демократикунонии ҷомеа баланбардории сатҳи дониши шаҳрвандӣ, мусоидат намудан ба хонандагони макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ дар ҷорӣ намудани низоми худидоракунӣ дар 5 мактаби озмоишӣ. Дар доираи ин лоиҳа 10 семинари омӯзиши мактаббачагон доир ба нақши парлумон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, дарки нақши парлумони мактабӣ, шиносоӣ бо ҳуқуқҳои бачаҳо, ҳамкории парлумони мактабӣ бо роҳбарияти мактаб, муаллимон ва кумитаи падару модарон. |
| 3. | Маркази иттилоотӣ ва технологияи коммуникатсионӣ | Гранти мазкур мақсад гузошт, ки миёни ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, Ҳукумат ва бахши хусусӣ тавассути истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионии муосир муколама ва ҳамкории зичро барқарор намояд, портали иттилоотии ягонаи иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистонро бунёд созад ва тавоноии иттилоотҳ ва техникии ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллиро пурқувват гардонад. Натиҷаи асосии лоиҳаи мазкур ин бунёди портали иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон гардид: http://www.tajikngo.tj |
| 4. | Иттиҳоди шаҳрвандии "Асоль" | Мақсади грант ин мусоидат дар иштироки 50 нафар намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар кори беҳтар намудани сифати зиндагии занони ҷавони озордида буд. Дар доираи ин лоиҳа омӯзиш дар мактаби тобистона барои табодули дониш ва таҷриба миёни ТГД дар робита кор бо занони ҷавони камбизоат гузаронида шуд. Илова бар ин, дастурҳо ва фитаҳои видеогӣ, ки аз таҷрибаи самараноки лоиҳаҳо оид ба фаъолгардонии нақши зан нақл мекунанд дар байни иштирокчиён тақсим карда шуд. |
| 5. | Иттиҳоди шаҳрвандии занон "Ёсуман" | Гранти мазкур дар баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ кӯмак намуд ва омилҳои хатари поймол намудани ҳуқуқҳои гурӯҳҳои озордида дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон паст кард. Дар доираи ин лоиҳа семинарҳо доир ба баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ гузаронида шуда, инчунин дастурҳои мавзӯӣ дар байни иштирокчиён паҳн карда шуданд. |